# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-031 дар МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" оид ба диссертатсияи Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович дар мавзӯи "Таъсири гепатопротектории маҷмӯи растаниҳои доругии маводи «Гепатрил» ҳангоми осеби токсикии ҷигар бо $CCl_4$", аз рӯи 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ пешниҳод шудааст**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои фарматсевтӣ профессор, Мусозода С.М. (раис), доктори илмҳои фармакология фармакологияи клиникӣ Шарофова М.У. ва номзади илмҳои тиб Урунова М.В., экспертизаи аввалия диссертатсияи унвонҷӯи Маркази инноватсионии биология ва тиббии Академияи миллии илимҳои Тоҷикистон Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович дар мавзӯи "Таъсири гепатопротектории маҷмӯи растаниҳои доругии маводи «Гепатрил» ҳангоми осеби токсикии ҷигар бо $CCl_4$", аз рӯи 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ пешниҳод шудааст, гузаронида, чунин натиҷагирӣ кардаанд:

1.Кори диссертатсияи ба ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ мувофиқат мекунад ва барои ҳимояи расмӣ дар Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-031 дар МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" қабул шуда метавонад.

Табобати беморони ҷигар бо маводи растанигӣ яке аз масъалаҳои мубрами тибби муосир ба ҳисоб меравад. Новобаста аз пешравӣ ва дастовардҳо мубрамияти ин масъала, ки афзудани бемориҳои гуногуни ҷигар боқӣ мемонад. Дар марҳилаи рушди илми тиб аз тарафи муҳақиқон трансплантатсияи ҷигар ва доруҳои зиёд барои муолиҷаи

бемориҳои гуногуни ҷигар пешниҳод карда шудаанд. Аммо нишондодҳои баланди бемориҳои ҷигар ба ҳамагон маълум аст, ки рушд ёфта истодааст аз ин лиҳоз омӯзиши растаниҳои хосияти гепатопротекторӣ доштаи ватанӣ ва табобат бо онҳо мавриди амал қарор мегирад.

Гепатопротекторҳои растанигӣ, дар муқоиса бо синтетикӣ, таъсироти иловагии дуюмдараҷа надоранд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки дурнамои ҳосил намудани гепатопротекторҳои навро аз гиёҳҳои шифобахши ватанӣ ба даст орем, ки ин душвории фармакология ва фарматсияи ҷумҳуриро қисман ҳал менамояд.

**Мақсади таҳқиқот**. Омӯзиши таъсири гепатопротектории маводи нави растаниги «Гепатрил» ҳангоми осеби заҳролудшудаи ҷигар дар калламушҳо.

**Навгониии илмӣ.** Муайян карда шудааст, ки «Гепатрил» дар муқоиса бо “Карсил”, синдромҳои ситолитикӣ ва холестазиро самаранок пешгирӣ мекунад ва дар ҳолати осеби токсикии ҷигар ихтилоли мубодилаи липидҳоро барқарор мекунад. «Гепатрил» пас аз се моҳи қабул тағйироти сохтории ҷигарро барқарор мекунад. Дар робита ба ин, санҷиши клиникии ин иловаи биологӣ барои муолиҷаи бемориҳои системаи гепатобилиарӣ тавсия дода мешавад. Ба маводи «Гепатрил» барои табобат ва пешгирии бемориҳои ҷигар патент гирифта шуд **(Патент № TJ 998, 2019)**.

**Аҳамияти назариявии таҳкикот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар кафедраҳои физиологияи патологӣ, фармакология ва биохимияи донишгоҳҳои Тоҷикистон тибқи мавзӯҳои "Коркарди равишҳои инноватсионӣ бехатарии биологии организмҳои зиндаро муайянкунанда, инчунин хосиятҳои муҳофизатӣ ва зиддиилтиҳобии “Гепатрил”, мавриди истифодабарӣ қарор гирад.

**Моҳияти амалӣ таҳқикот.** Ҷорӣ намудани "Гепатрил", ҳамчун гепатопротектори нави ИФБ, ки бо истифодаи растаниҳои шифобахши

флораи Тоҷикистон таҳия шудааст, рӯйхати гепатопротекторҳои растанигии ватаниро пурра намуда, ба беҳтар намудани табобат ва пешгирии тағйиротҳои бемориҳои музмини ҷигар мусоидат карда метавонад.

**Интишорот оид бамавзӯи рисола.** Аз рӯи маводҳои таҳқиқот 21 корҳои чопӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои, ба рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи ба номгӯи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади чопи натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияҳо барои дарёфти унвони илмии номзади илм дохилшуда, 13 – фишурдаи марузаҳо дар маводҳои конфронсҳои илмию амалии гуногунсатҳ интишор ёфта. Унвонҷӯй соҳиби як патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 149 саҳифа, пешниҳоди 19 ҷадвал ва 38 расм мураттаб гардида, аз қисматҳои зерин: рӯйхати ихтисорот, муқаддима, шарҳу тавзеҳи адабиёт, мавод ва усулҳои таҳқиқот, натиҷаҳо ва муҳокимаи онҳо, ҷамъбаст, хулосаҳо, рӯйхати адабиётҳо, ки 143 манбаъ (115 манбаи ватанӣ ва кишварҳои ИДМ, 28 муаллиф аз хориҷи дур) таркиб ёфтааст.

<u>ЭРОДҲО</u>

1. Дар матни рисола оид ба ҳамҷурии физико-химиявӣ ва фармакологии қисмҳои таркибии маҷмаагиёҳ маълумотҳо тариқи рияксияҳои сифатӣ оварда шудааст, аммо натиҷаҳои миқдорӣ оварда нашудааст.
2. Дар рмсола баъзан хатогиҳои граматикӣ вомехуранд.

Эродҳои пешниҳод шуда ҳусни рисоларо коста намекунанд. Комиссия ба хулосае омад, ки диссертатсияи Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович дар мавзӯи “Таъсири гепатопротектории маҷмӯи растаниҳои доругии маводи «Гепатрил» ҳангоми оссеби токсикии ҷигар бо $CCl_4$”, аз рӯи

14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-031 дар МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ пешниҳод карда шавад.

1. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи фарматсевтии Тошканд ва
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ тасдиқ кардани зерин тавсия карда мешаванд:

1. доктори иилмҳои тиб, профессор узви вобастаи АМИТ — Раҳимов И.Ф.
2. номзади илмҳои фарматсевтӣ — Шарифов Х.Ш.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои фармасевтӣ — Мусозода С.М.

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои тиб — Шарофова М.У.

номзади илмҳои тиб, досент — Урунова М.В.

Тасдиқ мекунам Назарова М. И.

ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.

имзои/подпись Урунова М.В.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
/САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«17» 10 2024 с/г

19.10.2024